КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
**ФАРМОИШ**

---

аз «21» феврали соли 2020 № 29 ш. Душанбе

Оид ба дараҷаҳои илмӣ

Тибқи муқаррароти Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри 2016, № 505) бинобар муроҷиати шаҳрванди Ҷумҳурии Украина Комчатных Елена Викторовна оид ба ҷой доштани асардуздӣ дар диссертатсияи Қосимова Мавҷуда Ҳалимовна дар мавзӯи **«Развитие организационно-экономического механизма управления инновационной деятельностью предприятий в условиях рыночной экономики (на примере пассажирских автотранспортных предприятий Согдийской области)»** аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (идоракунии инноватсияҳо), ки ҳимояи он бояд санаи 27 феврали соли 2020 дар шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-029 назди Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон баргузор гардад,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Ҳимояи диссертатсияи Қосимова Мавҷуда Ҳалимовна дар мавзӯи «Развитие организационно-экономического механизма управления инновационной деятельностью предприятий в условиях рыночной экономики (на примере пассажирских автотранспортных предприятий Согдийской области)» аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (идоракунии инноватсияҳо) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ бозхонд шуда, эълони ҳимояи диссертатсия аз сомонаи Комиссия хориҷ карда шавад.

2. Ба шӯрои диссертатсионӣ супорида шавад, ки масъалаи мазкурро баррасӣ намуда, қарори шӯрои диссертатсиониро ба Комиссия пешниҳод намояд.

3. Баррасии такрории диссертатсияи Қосимова Мавҷуда Ҳалимовна дар мувофиқа бо Комиссия ба роҳ монда шавад.

4. Нусхаи фармоиши мазкур, аз рӯзи ба имзо расидан очилан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.

5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба ухдаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ гузошта шавад.

Асос: муроҷиати шаҳрванди Ҷумҳурии Украина Комчатных Елена Викторовна аз 18 феврали соли 2020 ва хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ.

Раис А.Розиқзода